**Тақриз**

**ба автореферати Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна тахти унвони «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Дар даврони муосир, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ҳалли вазифаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ меистанд, масъулияти муассисаҳои таълимӣ дар таълиму тарбияи насли наврас меафзояд. Дар шароити сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сратегияи таълиму тарбия дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас инъикос ёфтааст. Тибқи талаботи Қонуни дахлдор соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин чунин маъно дорад, ки Ҳукумат вазифадор аст, ки барои соҳаи маориф захираҳо ҷудо карда, сиёсати давлатиро ҷиҳати дастгирию беҳтарсозии низоми таҳсилот роҳандозӣ намояд. Таҳсилот қисми муҳимми низоми таъминоти иҷтимоист, ки ба некуаҳволии фард ва пешрафти ҷомеа дар асоси  дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад.

Рисолаи диссертант Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна чунон ки аз мутоилаи автореферат бармеояд, дар мувофиқа дар ин раванд – кори таҳқиқотиро ба анҷом расонидааст, аз муқаддима, ду боб, хулосаву тавсияҳо, феҳрасти адабиёт, интишороти муаллиф ва феҳрасти ихтисораҳо иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои пажуҳишро равшан намуда, оид ба нуктаҳои дифоъшаванда маълумоти дақиқ пешниҳод кардааст.

*Дар боби якуми диссертатсия* «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон», моҳият ва мундариҷаи масъалаҳои  методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон таҳлилу муҳокима карда шудааст. Яке аз хусусияти муҳимми талабот ба маърифатнокӣ ба даст овардани донишҳои нав дар раванди таълим мебошад. Рушди тафаккури интиқодӣ роҳи табиии мутақобила бо ғояҳо, иттилоот, муносибати оқилона ва мутавозин барои қабули қарорҳои душворро дар бар мегирад. Асосҳои методологии тафаккури интиқодӣ стратегияҳои фаъолонаи таълим, мисли баҳсҳо, таҳқиқоти мавзуӣ ва таълими лоиҳавиро дарбар мегиранд, ки ба саволдиҳӣ, таҳлил ва синтези

иттилоот ҳавасманд мегардонанд. Хусусиятҳои муқоисавии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, исбот кардааст, ки тафаккури интиқодӣ дар интихоби манбаъҳое, ки мо ҳангоми омӯзиш ба онҳо такя мекунем, кумак мекунад, дидани робитаҳои сабабу натиҷа, ҷамъбаст ва сохтори иттилоот, бахси мавқеи худ ва дидани заъфҳои мавқеи дигаронро таълим медиҳад.

Имрӯз дар доираи барномаҳои гуногун тафаккури интиқодӣ ба раванди таълим ворид шуда, марказҳо ва лабораторияҳои тафаккури интиқодӣ таъсис дода шуда, семинарҳо оид ба ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодӣ гузаронида мешаванд. Онҳо на танҳо барои муаллимон, балки барои хонандагон гузаронида мешаванд, ки шумораи торафт зиёди одамонро фаро мегиранд. Фаъолгардонии маърифатҷӯӣ дар раванди таълим маънои онро дорад, ки равандҳои зеҳнии хонандагон (мисли идрок, хотир, тафаккур ва тахайюл) тақвият дода шаванд, то ки онҳо ба таълими амиқ ва ҳалли муаммоҳо бештар ҷалб гарданд. Ҳамаи ин методу стратегияҳоеро дар бар мегирад, ки шавқро барангехта, кушишҳоро таҳрик намуда, ба фарогири донишу малакаҳо мусоидат мекунанд.

*Боби дувум* «Технологияи педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим» ба баррасии шароитҳои педагогие, ки фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоиро дар рушди тафаккури интиқодии онҳо таъмин менамояд, бахшида шудааст. Дар он низоми воситаву технологияҳои инноватсионӣ, машқу супоришҳо, амсилаи шароити педагогӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо пешниҳод гардид, ки ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат хоҳанд кард.

Натиҷаи таҳқиқот дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки тавассути усулҳои нави таълимӣ дар заминаи татбиқи меъёрҳои баҳодиҳии бонизом тариқи ҷадвали холҳо, истифодаи технология ва ҷустуҷӯ, дарёфти роҳҳои ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон аҳаммияти зиёд дошта, ҷанбаҳои зеринро таъмин менамояд:

- таъмини эътимоднокӣ ва шаффофияти баҳодиҳӣ дар раванди таълим ва самаранокии он дар баланд бардоштани шавқу рағбат ба омӯзиш ва рушди тафаккури интиқодии хонандагон;
- баҳодиҳии натиҷаи инфиродӣ ва ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди татбиқи технологияҳои нав (инноватсионӣ)-и таълимӣ;
- фароҳам овардани шароит барои ҳавасмандкунӣ ва асосноккунии фаъолияти таълимию маърифатӣ, истифодаи фазои инфиродии таълимии хонандагон ва таъсири он ба ташаккули тафаккури интиқодӣ;

- таъмини арзёбии воқеии сифати дониши хонандагон ва таъсири он ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, фардикунонии раванди таълим ва рушди тафаккури интиқодии хонандагон.

Автореферат бо равиши хуби илмӣ навишта шуда, аз афзалиятҳои шоистаи зиёд бархурдор мебошад.

Таҳқиқоти Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна кори баанҷомрасида ба шумор рафта, дар кори маълум намудани боз як сарчашмаи педагогикаи муосир саҳми арзанда мегузорад.

Умуман, диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи **«Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим»** ба талаботи мувофиқи бандҳои 61, 62 - уми Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шурои диссертатсионӣ” ва бандҳои 74, 75 - и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти № 267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба **дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот** ва шиносномаи ихтисоси илмии (**6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ** ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи забонҳо дар
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна

Тел.: (92) 641-00-74
Почтаи электронӣ: munirahon74@mail.ru

*«Имзои дотсент Абдусамадова Мунира Абдуғафоровнаро тасдиқ менамоям».*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Иномҷонова Умеда Сатторовна

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Навбаҳор (микроноҳияи 34)
Тел.: (+992) 92-810-95-75
Сомонаи расмӣ: didttkhujand@mail.ru

«21» октябри соли 2025